MOORE

LLC Moore Stephens

Address: 24 A, Ayni str, 301
Dushanbe, Tajikistan

T [44] 601 52 52
[44] 601 53 53

www.moore.tj
info@moore.tj

# ҲИСОБОТИ АУДИТОРОНИ МУСТАҚИЛ

**оиди аудити ҳисоботи молиявӣ**

**Ба Шурои парасторон Фонди қарзии хурди**
**«Фонди бозтамвил»**

## Ақида

Мо аудити ҳисоботи молиявии замимашудаи ФҚХ «Фонди бозтамвил» (минбаъд-Фонд)-ро, ки аз ҳисобот оид ба вазъи молиявии Фонд ба ҳолати 31 декабри соли 2021, ҳисобот оид ба фоида ва зарар ва дигар даромадҳои маҷмуӣ, ҳисобот дар бораи тағйирот ба сармояи худӣ ва ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ барои соле, ки дар санаи нишондодашуда ба охир мерасад, инчунин шарҳ ба ҳисоботи молиявӣ, аз он ҷумла шарҳи мухтасари муқаррароти асосии сиёсати баҳисобгирӣ иборат аст, гузаронидем.

Ба ақидаи мо, ҳисоботи молиявии замимашуда вазъияти молиявии Фондро ба ҳолати 31 декабри соли 2021 дар тамоми ҷанбаҳои мавҷуда, инчунин натиҷаҳои молиявии он ва гардиши воситаҳои пулиро барои як сол, ки дар санаи нишондодашуда ба охир мерасад, мутобиқи Стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) ба таври саҳеҳ инъикос менамояд.

## Асос барои ифода намудани ақида

Мо аудитро мутобиқи Стандартҳои байналмилалии аудит гузаронидем. Ӯҳдадори мо мутобиқи стандартҳои мазкур поёнтар дар фасли «Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ»-и хулосаи аудитории мо тасвир карда шудааст. Мувофиқи талаботҳои Кодекси Этикии Муҳосибони Касбии (IESBA Code), ки аз ҷониби Шурои Байналмиллалии Стандартҳои Этики барои Муҳосибон қабул гардидааст, мо аз Фонд вобастагӣ надорем, мустақил мебошем ва дигар ӯҳдадориҳои этикии худро мувофиқ ба талаботҳои кодекси этикии зикргардида иҷро намудем.
Мо чунин мешуморем, ки далеҳои аудитории аз тарафи мо ба даст овардашуда, барои ҳамчун асос хизмат намудан барои ифодаи ақидаи мо кофӣ ва мутобиқ мебошанд.

## Масъулияти роҳбарият ва шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ, барои ҳисоботи молиявӣ ҷавобгӯ ҳастанд

Роҳбарият барои омоданамой ва ба таври саҳеҳ пешниҳод намудани ҳисоботи молиявии зикргардида мутобиқи СБҲМ ва барои низоми назорати дохилӣ, ки онро Роҳбарият барои омоданамоии ҳисоботи молиявӣ зарур мешуморад, ки он таҳрифҳои ҷиддиро дар натиҷаи амалҳои бевиҷдонона ва ё хатогиҳо дар бар надорад, масъул мебошад.

Ҳангоми омоданамоии ҳисоботи молиявӣ, Роҳбарият барои баҳогузорӣ намудани қобилияти Фонд оид ба давом додани фаъолияти бефосилаи худ, барои ошкор намудани маълумот дар ҳолатҳои дахлдор, ки ба бефосилагӣ тааллуқ дорад ва барои тартиб додани ҳисобот дар асоси иҷозат оид ба фаъолияти бефосила масъул мебошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки роҳбарият нияти барҳамдиҳии Фонд, қатъ намудани фаъолияти онро дошта бошад ва ё вақте ки алтернативаи дигари амалиро ба ғайр аз барҳамдиҳӣ ва ё қатъномаи фаъолият надошта бошад.

Шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ҷавобгӯ мебошанд, масъулиятро барои назорат аз болои омоданамоии ҳисоботи молиявии Фонд ба зимма мегиранд.

**Масъулияти аудиторон барои аудити ҳисоботи молиявӣ**

Мақсади мо аз бадастоварии боварии оқилона дар бораи он ки, ҳисоботи молиявӣ таҳрифҳои амалиро дар натиҷаи амали бевиҷдонона ва ё хатогиҳо надорад ва барориши хулосаи аудиторӣ, ки ақидаҳои моро дар бар мегирад, иборат мебошад. Боварии оқилона маънои сатҳи баланди боввариро дорад, вале кафолати он, ки аудити мутобиқи Стандартҳои байналмилалии аудит гузаронидашуда, ҳама вақт метавонад таҳрифҳои мавҷударо ошкор намояд, ба ҳисоб намеравад. Таҳрифҳо метавонанд натиҷаи амали бевиҷдонона ва ё хатогӣ бошанд ва ҳамон вақт ҷиддӣ ба ҳисоб мераванд, ки агар ба таври асоснок тахмин намудан мумкин бошад, ки онҳо ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар маҷмӯъ метавонанд ба қарори иқтисодии истифодабарандагон, ки дар асоси ҳисоботи молиявии мазкур қабул карда мешаванд, таъсир расонанд.

Дар доираи аудит, ки мутобиқи Стандартҳои байналмилалии аудит гузаронида мешаванд, мулоҳизаҳои касбиро қабул менамоем ва нобоварии касбиро (профессиональный скептицизм) дар тамоми муҳлати санҷиши аудиторӣ нигоҳ медорем. Инчунин:

- хатарҳои таҳрифи ҷиддии ҳисоботи молияviро дар натиҷаи амалҳои бевиҷдонона ва ё хатогиҳо ошкор ва баҳогузорӣ менамоем, расмиёти аудиториро ба сифати ҷавоб ба ин хатарҳо коркард намуда, далелҳои аудиториро, ки ҳамчун асос барои ифода намудани ақидаҳои мо кофӣ ва мутобиқ мебошанд, ба даст меорем. Хатари ошкор накардани таҳрифи ҷиддии дар натиҷаи амали бевиҷдонона ба вуҷудомада, назар ба хатари ошкор кардани таҳрифи ҷиддии дар натиҷаи хатогӣ ба вуҷудомада баландтар мебошад, зеро амалҳои бевиҷдонона метавонанд забонякkунӣ, сохтакорӣ, иҷозати қалбакӣ, пешниҳоди маълумоти таҳрифшуда ва ё амалҳои берун аз низоми назорати дохилиро дар бар гирад;
- фаҳмиши низоми назорати дохилӣ, ки барои аудит аҳамият дорад, бо мақсади коркарди расмиёти аудиторӣ, ки ба вазъият мутобиқат менамояд, вале на ба мақсади ифода намудани ақида оид ба самаранокии низоми назорати дохилии Фонд, ба даст меорем;
- хусусияти дахлдори сиёсати баҳисобгирӣ ва асоснокии баҳогузории муҳосиботӣ ва ошкорнамоии дахлдори маълумоти аз тарафи роҳбарият омодашударо баҳогузорӣ менамоем;
- дар бораи қонунӣ будани татбиқи иҷозат дар бораи фаъолияти бефосила аз тарафи роҳбарият хулоса мебарорем, дар асоси далелҳои аудитории бадастовардашуда дар бораи он, ки оё номуайяниятии ҷиддӣ вобаста ба ҳодисаҳо ва ё шароитҳо, ки дар натиҷаи онҳо метавонанд шубҳаи ҷиддӣ дар қобилияти Фонд оид ба давом додани фаъолият бефосила ба вуҷуд оянд, вуҷуд доранд ё не, хулоса мебарорем. Агар мо вобаста ба мавҷуд будани номуайяниятии ҷиддӣ ба хулоса оем, пас мо бояд диққати махсусро дар хулосаи аудитории худ вобаста ба ошкорнамоии маълумоти дахлдор дар ҳисоботи молиявӣ ҷалб намоем ва агар чунин ошкорнамоии маълумот номутобиқ бошад, пас мо бояд ақидаи худро такмил диҳем. Хулосаҳои мо ба далелҳои аудиторӣ, ки то санаи хулосаи аудитории мо ба даст оварда шудааст, асос ёфтааст. Вале ҳодисаҳои оянда ва ё шароитҳо метавонанд ба он оварда расонанд, ки Фонд қобилияти давом додани фаъолияти бефосилаи худро гум менамояд;
- баҳогузории пешниҳоди ҳисоботи молиявиро дар маҷмӯъ, сохтор ва таркиби он, аз он ҷумла ошкорнамоии маълумот, инчунин онро, ки оё ҳисоботи молиявӣ амалиёт ва ҳодисаҳои дар асоси он мавҷудбударо чунон пешниҳод карда метавонад, ки пешниҳоди саҳеҳи он таъмин карда шавад, мегузаронем.

Мо ба масъулини идоракунии корпоративӣ дар баробари чизҳои дигар, маълумотро дар бораи ҳаҷм ва муҳлати аудити банақшагирифташуда, инчунин дар бораи мулоҳизаҳои ҷиддӣ оид ба натиҷаи аудит, аз он ҷумла камбудиҳои ҷиддии низоми назорати дохилӣ, ки мо дар ҷараёни аудит ошкор менамоем, мерасонем.

| | |
|---|---|
| Саидов Саймаъруф<br>Директор<br>ЧДММ Моор Стивенс<br>Иҷозатномаи No. 0000122 аз 08 июни 2020 аз ҷониби Бонки Миллии Тоҷикистон додашуда. | Муродов Зуурбек<br>Шарик оид ба Аудит<br>Сертификати тахассусии №0000121 аз ҷониби Бонки Миллии Тоҷикистон 17 марти 2020 дода шудааст. |

**ФҚХ “ФОНДИ БОЗТАМВИЛ”**

**ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ**
**БА 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2021**
*(бо пули миллӣ сомонӣ)*

| | Шарҳ | 2021 | 2020 |
|---|---|---|---|
| **Дороиҳо** | | | |
| Воситаҳои пулӣ | **5** | 232,311,061 | 221,349,857 |
| Қарз ба муштариён | **6** | 123,720,994 | 61,560,798 |
| Воситаҳои асосӣ | **7** | 73,368 | 102,377 |
| Дороиҳои ғайри-моддӣ | **8** | 119,342 | 158,728 |
| Ҳисобҳо барои қабул | **9** | 288,226 | - |
| Дигар дороиҳо | **10** | 1,048,583 | 1,793,075 |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **357,561,574** | **284,964,835** |
| **Уҳдадориҳо** | | | |
| Воситаҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | **11** | 59,068,040 | 55,667,877 |
| Андоз аз фоида барои пардохт | **12** | - | 1,583,962 |
| Дигар уҳдадориҳо | **13** | 87,196 | 89,803 |
| **Ҳамагӣ уҳдадориҳо** | | **59,155,236** | **57,341,642** |
| **Сармояи худӣ** | **14** | | |
| Захираҳои асосӣ | | 7,515,490 | 5,136,128 |
| Захираҳо барои амалиётҳои оянда | | 287,610,266 | 220,107,703 |
| Фоидаи тақсимношуда | | 3,280,582 | 2,379,362 |
| **Ҳамагӣ сармоя** | | **298,406,338** | **227,623,193** |
| **Ҳамагӣ сармоя ва уҳдадориҳо** | | **357,561,574** | **284,964,835** |

Раҳмонзода Шариф

Раиси раёсат

Негматов Тоҷиддин

Директори молиявӣ

**ФҚХ "ФОНДИ БОЗТАМВИЛ"**

## ҲИСОБОТ ОИДИ ДАРОМАДИ УМУМӢ БА САНАИ 31-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2021

*(бо пули миллӣ сомонӣ)*

| | Шарҳ | 2021 | 2020 |
|---|---|---|---|
| Даромадҳои фоизӣ | 15 | 9,242,681 | 8,158,769 |
| Хароҷотҳои фоизӣ | 15 | - | - |
| **Даромадҳои софи фоизӣ пеш аз захираҳои барои талафоти имконпазир** | | **9,242,681** | **8,158,769** |
| Захираи баҳодиҳии қарзҳо | 6 | - | - |
| **Даромадҳои фоизии соф** | | **9,242,681** | **8,158,769** |
| Хароҷотҳои комиссионӣ | 16 | (24,392) | (11,271) |
| Дигар даромадҳои амалиётӣ | 17 | - | 13,515 |
| **Даромадҳои ғайри-амалиётӣ** | | **-** | **-** |
| **Даромадҳои амалиётӣ** | | **(24,392)** | **2,244** |
| Хароҷоти маъмурӣ | 18 | (4,233,900) | (2,999,805) |
| **Фоида пеш аз андозбандӣ** | | **4,984,389** | **5,161,208** |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 19 | (1,703,807) | (2,781,846) |
| **Фоидаи соф** | | **3,280,582** | **2,379,362** |

Раҳмонзода Шариф

Раиси раёсат

Негматов Тоҷиддин

Директори молиявӣ

Шарҳҳои дар саҳифаҳои 10-39 овардашуда, қисми ҷудонагардидаи ҳисоботи молиявӣ мебошанд

**ФҚХ “ФОНДИ БОЗТАМВИЛ”**

**ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ САРМОЯИ ХУДӢ**
**БА 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2021**
*(бо пули миллӣ сомонӣ)*

| | Захираи умумӣ | Захира барои фаъолияти оянцаи фонд | Фоидаи тақсимношуда | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| **Ба 1 январи 2020** | **1,416,804** | **152,804,874** | **3,719,325** | **157,941,003** |
| Зиёдшавии захираҳо | 3,719,324 | 67,302,829 | | 71,022,153 |
| Тасҳеҳи фоидаи тақсимношуда | - | - | (3,719,325) | (3,719,325) |
| Фоидаи соли ҷорӣ | - | - | 2,379,362 | 2,379,362 |
| **Ба 31 декабри 2020** | **5,136,128** | **220,107,703** | **2,379,362** | **227,623,193** |
| Зиёдшавии захираҳо | 2,379,362 | - | - | 2,379,362 |
| Тасҳеҳи фоидаи тақсимношуда | - | - | (2,379,362) | (2,379,362) |
| Бозгашти қарзҳо | - | 67,502,563 | - | 67,502,563 |
| Фоидаи соли ҷорӣ | - | - | 3,280,582 | 3,280,582 |
| **Ба 31 декабри 2021** | **7,515,490** | **287,610,266** | **3,280,582** | **298,406,338** |

Раҳмонзода Шариф

Раиси раёсат

Негматов Тоҷиддин

Директори молиявӣ

Шарҳҳои дар саҳифаҳои 10-39 овардашуда, қисми ҷудонагардидаи ҳисоботи молиявӣ мебошанд

**ФҚХ "ФОНДИ БОЗТАМВИЛ"**

**ҲИСОБОТ ОИДИ ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ**
**БА 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2021**
*(бо пули миллӣ сомонӣ)*

| | Шарҳ | 2021 | 2020 |
|---|---|---|---|
| **ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ** | | | |
| **Фоида пеш аз андозбандӣ** | | **4,984,389** | **5,161,208** |
| Тасҳеҳи фоида соф | | - | - |
| Истеҳлок | | 105,327 | 118,566 |
| Тағйирёбии сандуқи қарзии додашуда | | (62,160,195) | 8,948,145 |
| Тағйирёбии воситаҳои асосӣ | | - | - |
| Тағйирёбии дигар дороиҳои ҷорӣ | | (10,478,485) | 531,525 |
| Тағйирёбии фоизҳо барои гирифтан | | 26,453 | (161,292) |
| Тағйирёбии воситаҳо дар дигар бонкҳо ва ташкилотҳо | | 10,225,292 | 40,000,000 |
| Тағйирёбии дигар уҳдадориҳо | | (2,609) | 12,486,874 |
| Пардохти андоз аз фоида | | (1,583,961) | (1,198,285) |
| **Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | | **(58,883,788)** | **65,886,741** |
| **ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ** | | | |
| Фурӯши воситаҳои асосӣ | | - | - |
| Хариди воситаҳои асосӣ | 7 | (36,933) | (167,200) |
| Дигар даромад ва хароҷоти ғайрипулӣ | | - | - |
| **Хориҷшавӣ / (воридшавӣ) аз фаъолияти инвеститсионӣ** | | **(36,933)** | **(167,200)** |
| **ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ** | | | |
| Тағйирёбии захираҳо | | 69,881,925 | 65,885,438 |
| Пардохти суди саҳмияҳо | | - | - |
| **Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | | **69,881,925** | **65,885,438** |
| Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ | | 10,961,204 | 131,604,979 |
| **Воситаҳои пулӣ ба 1 январи 2021** | **5** | **221,349,857** | **89,744,878** |
| **Воситаҳои пулӣ ба 31 декабри 2021** | **5** | **232,311,061** | **221,349,857** |

Раҳмонзода Шариф

Раиси раёсат

Негматов Тоҷиддин

Директори молиявӣ

## 1. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

Фонди қарзии хурди “Фонди бозтамвил” минбаъд (Фонд) ҳамчун шахси ҳуқуқӣ дар асоси Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи ташкилотҳои молиявии хурд” ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, фаъолияти худро дар асоси Оиннома ба роҳ мондааст, ки он 07 июни 2017 аз ҷониби Шурои парастонрон тасдиқ гардидааст. Фонд мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 июни соли 2017 таҳти рақами ягонаи андозсупоранда №0210024705 ба қайд гирифта шудааст.

**Муассиси ягонаи Фонд: Ширкати “АФС Агрикалчер анд Файненс Консултант Джи Эм би Эйдж” мебошад.**

***Фаъолияти асосии Фонд***

Фаъолияти асосии Фонд ин пешниҳоди қарзҳои дарозмуҳлат,миёнамуҳлат ва кӯтоҳмуҳлат танҳо ба ташкилотҳои молиявию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад . Қарзҳо бо пули миллии Тоҷикистон – Сомонӣ дар асоси меъёрҳои муайяннамудаи Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд. Қарзҳои аз ҷониби Фонд додашуда метавонанд бо моликияти манқул, ғайриманқул, амонатҳо, кафолатҳо, замонатҳо ва дигар воситаҳои пешбининамудаи қонун таъмин карда шаванд.

***Суроғаи бақайдгирӣ ва ҳуқуқии Фонд***

Суроғаи бақайдгирии Фонд шаҳри Душанбе, кӯчаи Истаравшан 18 мебошад.

***Асъори пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ***

Ҳисоботи Молиявии Фонд бо сомонӣ (TJS), пешниҳод гардидааст, ки он ҳамзамон асъори амалкунандаи Фонд мебошад.

## 2. АСОСҲОИ ТАҲИЯИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

***Асосҳои умумии таҳияи ҳисоботи молиявӣ***

Фонд сабтҳои ибтидоии муҳосибии худро тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунандаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш мебарад. Ҳисоботи молиявии мазкур дар асоси ҳисоботи ибтидоии молиявии Фонд омода гардидааст, ки дар ҳолати зарурӣ бо мақсади мутобиқат ба Стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ ислоҳот ворид карда шудааст.

Ҳисоботи молиявии Фонд таҳти конвенсияи арзиши таърихӣ омода карда шудааст ва инчунин аз рӯи фарзияе, ки Фонд фаъолияти бе фосилаи худро дар оянаи дидашаванда идома медиҳад, таҳия карда шудааст.

Таҳияи ҳисоботи молиявӣ мутобиқи СБҲМ истифодаи баъзе тахминҳои муҳими муҳосибиро талаб менамояд. Он, инчунин аз роҳбарият талаб мекунад, ки дар мавриди истифодаи сиёсати муносиби ҳисобдорӣ мувофиқ мулоҳиза кунанд. Самтҳое, ки дар он ҳангоми таҳияи ҳисоботи пешакии молиявӣ чунин мулоҳизаҳо ва тахминҳои ҳисобдорӣ истифода гардидаанд, дар шарҳи 3 оварда шудааст.

Ҳисоботи молиявии мазкур маълумотҳои соле, ки 31 декабри 2021 ба анҷом мерасанд, дар бар мегирад. Маълумотҳои муқоисашаванда аз маълумотҳои соли 2020 иборат аст.

***Фаъолияти бефосила***

Ба санаи пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ, ҳеҷ гуна номуайянии марбут ба рӯйдодҳо ва шароитҳо вуҷуд надорад, ки метавонад сабабгори пайдоиши шубҳаи ҷиддӣ оид ба идома додани фаъолияти Фонд дар ояндаи дидашаванда гардад.

***Таъсири пандемияи COVID-19***

Дар робита ба паҳншавии босуръати пандемияи COVID-19 дар аввали соли 2020 бисёре аз ҳукуматҳо, аз ҷумла, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, чораҳои гуногуни пешгирикунандаро вобаста ба мубориза бо хуруҷи вирус пешбинӣ намуд, аз ҷумла ба монанди маҳдуднамоии сафарҳо, ҷорӣ намудани низоми карантинӣ, бастани фаъолияти тиҷоратӣ бурунмарзӣ ва маҳдуднамоии фаъолияти баъзе бахшҳои дигар. Ин тадбирҳо ба системаи ҷаҳонии таъминот, талабот ба молҳо ва хизматрасониҳо, инчунин ба миқёси фаъолияти соҳибкорӣ таъсир расонданд.

Интизор меравад, ки худи пандемия ва инчунин чораҳои кам кардани оқибатҳои он метавонанд ба тиҷорати субъектҳои соҳаҳои мухталиф таъсир расонанд. Аз моҳи марти соли 2020 ноустувории назаррас дар бозорҳои саҳҳомӣ, пулӣ ва молӣ, аз ҷумла коҳиши нархи нафти хом вуҷуд дорад.

Бо мақсади пешгирии паҳншавии пандемияи COVID-19, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои ҳамаҷонибаро дар ҳама самтҳо идома медиҳад. Дар посух, 05 июни соли 2020 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фармонро оид нақша чорабиниҳо ҷиҳати кам кардани таъсири пандемия ба имзо расонид. Инчунин, Бонки Миллии Тоҷикистон сиёсати пулӣ - қарзии худро ҷиҳати таъмини кафолати устувории қурби пули миллӣ идома медиҳад.

Дар Фонд баҳогузории таъсири умумии пандемия ва тағйири шароитҳои микро ва макроиқтисодӣ оид ба вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявӣ идома дорад.

Аз рузи аввали фаъолият то ба имрӯз Фонд бо ҷараёни пулӣ мушкилот надошт. Роҳбарияти Фонд нишондиҳандаҳои иқтисодиро мунтазам таҳлил мекунанд ва вазъро дар бозори молиявии кишвар назорат мекунад. Тартиб додани ҳисоботи молиявӣ дар асоси принсипи бефосилагии фаъолияти Фонд мувофиқи мақсад аст. Ҳамин тариқ ҳисоботи молиявии мазкур ягонислоҳоти ҷиддиро дарбар намегирад, агар Фонд амалиётҳои худро анҷом диҳад.

***Тасниф ва андозагирӣ***

Тибқи СБҲМ 9, ҳамаи дороиҳои молиявӣ дар навбати аввал бо арзиши одилона аз дигар даромадҳои маҷмуъӣ (FVOCI) ё бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар (FVTPL) гуруҳбандӣ карда мешаванд.

Дороиҳои молиявӣ бо арзиши истеҳлокӣ баҳогузорӣ карда мешаванд, агар ҳарду ҳолати дар поён овардашуда ҷой дошта бошад ва агар он ҳамчун FVTPL таъин нашуда бошад:

- дороиҳое, ки дар доираи модели тиҷоратӣ нигоҳ дошта шуда, мақсади он ба даст овардани воридоти воситаҳои пулии дар шартнома пешбинишуда мебошад; ва
- шартҳои шартномаи дороиҳои молиявӣ дар санаҳои муайян афзоиши гардиши пулро ба вуҷуд меоранд, ки ин афзоиш аз ҳисоби танҳо пардохтҳои маблағи асосии қарз ва фоизҳо нисбати маблағи пардохтнашудаи қарзи асосӣ ба ҳисоб меравад шартгузорӣ менамояд.

Воситаи қарзӣ ҳамчун FVOCI танҳо дар сурате баҳогузорӣ карда мешавад, ки агар онҳо ба ҳарду шартҳои зерин ҷавобгӯ бошанд ва инчунин ҳамчун FVTPL таъин нашуда бошанд:

- Агар доройӣ дар доираи бизнес моделе нигоҳ дошта шуда бошад, ки ҳадафи он ба даст овардани воридоти воситаҳои пулии дар шартнома пешбинишуда ва ҳам фурӯши дороиҳои молиявӣ иборат бошад.
- Шартҳои шартномаи дороиҳои молиявӣ дар санаҳои муайян афзоиши гардиши пулро ба вуҷуд меоранд, ки ин афзоиш аз ҳисоби танҳо пардохтҳои маблағи асосии қарз ва фоизи аз маблағҳои асосии қарзи пардохтнашуда иборат мебошанд.

Тағйироти арзиши тавозунӣ дар ҳайати даромадҳои дигари маҷмӯӣ эътироф мешаванд. Эътирофи зарари қарзӣ, даромади фоизӣ ва тағйироти асъори хориҷӣ дар ҳайати фоида ё зарар амалӣ карда мешавад. Вақте, ки дороии молиявӣ ба қатъгардии эътирофнамоӣ гирифтор шавад, фоида ва ё зарари маҷмӯӣ, ки пештар дар ҳайати даромади дигари маҷмӯӣ эътироф шуда будаанд, дар фоида ё зарар аз нав тасниф карда мешаванд. Даромадҳои фоизӣ аз рӯи дороиҳои молиявии мазкур дар ҳайати "Даромадҳои фоизӣ" бо истифода аз усули меъёри самаранокии фоизӣ эътироф мешаванд.

Ҳама дороиҳои дигари молиявӣ тарзе, ки дар FVTPL ҳисоб карда шудаанд гуруҳбандӣ карда шудаанд.

***Андозагирии беқурбшавӣ***
Фонд захираи баҳогузоришавандаро тахти зарари қарзии дарназардоштташуда оид ба қарзҳои додашуда, эътироф менамояд. Фонд чунин зарарҳоро ба ҳар як санаи ҳисоботӣ бо роҳи баҳогузории мавҷудияти маълумот оид ба беқурбшавӣ эътироф менамояд. Модели баҳогузории беқурбшавии дороиҳои молиявӣ, баҳогузории зарари дарназардоштташудаи қарзиро бо тақсимнамоӣ ба онҳое, ки дар доираи 12 моҳ дарназар аст ва онҳое, ки дар давоми тамоми мӯҳлати амали дороии молиявӣ дарназар дошта шудааст, пешбинӣ менамояд.

Модели зарарҳои дарназардоштаи Фонд дар асоси принсипҳои зерин таъсис дода шудааст:

- Марҳилаи 1: Зарари дарназардоштташудаи қарзӣ, ки дар ҳолати дефолт дар муҳлати 12 моҳ аз санаи ҳисоботӣ ба вуҷуд меояд;
- Марҳилаи 2: Зарари дарназардоштаи қарзӣ, ки дар ҳолати эҳтимолияти дефолт дар муҳлати давраи аз ҳама зиёди шартномавӣ, ки дар давоми он қарздор ба хавфи қарзӣ гирифтор мешавад ба вуҷуд меояд.
- Марҳилаи 3: Зарари дарназардошати қарзӣ, ки дар ҳолати эҳтимолияти дефолт дар муҳлати давраи аз ҳама зиёди шартномавӣ ба вуҷуд меояд, дар баробари ин даромади фоизӣ аз рӯи меъёри самаранок ба арзиши тавозунӣ бо аз ҳисоб баровардани захираи ташаккулёфта ба ҳисоб гирифта мешавад.

Фонд баҳогузорӣ ва ҳисоббаробаркунии захираҳоро оид ба беқурбшавии қарзҳои мутобиқи Стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (IFRS) 9 "Воситаҳои молиявӣ" бояд гузаронад. Ҳисоббаробаркунии захираҳо оид ба беқурбшавии қарзҳо мутобиқи равиши СБҲМ додашуда, аз захирае, ки мутобиқи талаботи Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст, фарқ менамояд.

***Воситаҳои асосӣ***
Воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ бо арзиши аввалия бо тарҳкунии истеҳлоки ҷамъшуда ва захираҳо барои беқурбшавӣ ҳисоб карда мешаванд. Арзиш дар худ арзиши сохтмонӣ ё нархи харид, аз ҷумла боҷҳои воридотӣ ва андозҳои бебозгашт ва хароҷоти мустақиман ҷиҳати дар ҳолати корӣ нигоҳ доштан ва истифодаи мақсаднок иборат мебошад. Ҳама тахфифҳо ва имтиёзҳои савдо ҳангоми аз арзиши сохтмонӣ ё нархи хариди ба миён омада тарҳ карда мешаванд.

Хароҷотҳои барои таъмири ҷорӣ ва хизматрасонӣ ҳангоми ба миён омадан ҳамчун хароҷоти ҷорӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Арзиши иваз кардани қисмҳои асосӣ ё ҷузъиётҳои амвол ва таҷҳизот эътироф карда мешавад ва қисми ивазшуда аз эътибор соқит карда мешавад.

Ҳама ҷузъиётҳои таҷҳизот бо арзиши аввалия бо назардошти истеҳлоки ҷамъшуда ва зарари беқурбшавӣ, агар мавҷуд бошанд, ҳисоб карда мешаванд.

Даромад ва зараре, ки ҳангоми фуруши воситаҳо ба вуҷуд меояд, тавассути даромад бо арзиши тавозунии он муайян карда шуда дар ҳисобот оид ба фоида ё зарар нишон дода мешавад.

***Истеҳлок***
Истеҳлок бо усули ростхата барои тамоми муҳлати самаранокии истифодабарии воситаи асосӣ ҳисоб карда мешавад ва он тавассути зарби андозаи муқарраргардидаи истеҳлокӣ ба арзиши таърихи воситаи асосӣ муайян карда мешавад. Муҳлати коршоямӣ ё андозаи истеҳлокии муқарраргардида ба таври зерин мебошад:

| | Солона, бо усули ростхатта |
|---|---|
| • Мебел ва таҷҳизот | 20% |
| • Компютерҳо ва дигар воситаҳои алоқа | 33% |
| • Нақлиёт | 20% |